ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 14 октябри соли 2025, № 6

Барои сазовор донистани Шарипов Рустам Миралиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ.

Диссертатсия бо мавзӯи «Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ ба ҳимоя 24 июли соли 2025 қабул карда шуд, протоколи № 15 шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ). Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Қаҳҳоров, 43; тел. (992) 37-2275192 //E-mail:iveterinari@mail.ru, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№135/шд аз 29 майи соли 2023) тасдиқ шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шарипов Рустам Миралиевич 17 июли соли 1996 дар н. Фархор таваллуд шудааст.

Соли 2018 факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро бо ихтисоси «духтур ветеринар» хатм кардааст.

Шарипов Р.М. ба ҳайси мудири озмоишгоҳи вирусологияи Институти тибби ветеринарии АИКТ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар озмоишгоҳҳои бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳо, вирусология, бехатарии озуқаворӣ ва экологияи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро шудаасат.

Роҳбари илмӣ - Назруллозода Сулаймон Ҳабиб, номзади илмҳои ветеринарӣ, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти тибби ветеринарии АИКТ.

Мушовири илмӣ - **[Мирзоев Давлаталӣ Мирзоевич]**, доктори илмҳои ветеринарӣ, профессор, академики АИКТ.

Муқарризони расмӣ:

1. **Саторов Саидбег** - профессор, доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи микробиология, вирусология ва имунологияи Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон.
2. **Иматшоев Имматшо Холдорович** - номзади илмҳои ветеринарӣ, мудири кафедраи беҳдошти ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар: Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон – дар хулосаи мусбати худ, ки аз тарафи муовини директор оид ба амнияти биологӣ ва инноватсияи Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ, н.и.в. Маҳмудов К.Б. имзо шудааст ва аз ҷониби директори муассиса, д.и.в. Абдуллоев А.О. тасдиқ шудааст, қайд шуд, ки кори диссертатсионии Шарипов Р.М. аз рӯи муҳтавою навоварии илмӣ, сатҳи методологӣ ва аҳамияти амалӣ ба талаботе, ки ба рисолаҳои номзадӣ дар ихтисоси зикршуда муроҷиат мешавад, пурра мувофиқ аст.

Номзад **14 корҳои илмии чопшуда** дорад, ки дар онҳо мавқеъҳои асосии диссертатсия баён шудаанд, аз ҷумла 8 **мақола** дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудаанд, нашр гардидаанд. Ҳиссаи муаллиф зиёда аз 80% ташкил медиҳад. Мақолаҳо муҳимтарин натиҷаҳои асосии таҳқиқотро дар мавриди ташхиси брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ, инчунин коркарди доруи гиёҳии нав барои табобати мастити сироятӣ инъикос мекунанд.

Номгӯйи мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд:

1. Шарипов Р.М. Выделение патогенных и условно-патогенных микроорганизмов в молоке крупного рогатого скота / Р.М.Шарипов, Д.М.Мирзоев, Х.И.Раджабов, С.А.Расулов, Х.А. Юсупов, С.Х.Назруллозода, Ё.Б. Шоимардонов // Известия Национальной академии наук Таджикистана – 2019. - №2 (205). - С. 64 - 67.
2. Шарипов Р.М. Диагностическая ценность единого цветного антигена «КазНИВИ» при исследовании бруцеллеза крупного рогатого скота методом кольцевой реакции (КР) с молоком, в условиях Республики Таджикистан/ Р.М. Шарипов, Ш.А. Барамова, А.Ж. Мирзалиев, Х.И. Раджабов, С.А. Расулов // Доклады ТАСХН. - 2019. - №4 (58). - С. 58 - 62.
3. Шарипов Р.М., Результаты использования единого цветного антигена Казахского НИВИ для диагностики бруцеллеза КРС методом колцевой реакции с молоком в РТ /Мирзоев Д.М., Шарипов Р.М., Раджабов Х.И., Расулов С.А., Касимов С.М. // Научный журнал “Биобезапасность и биотехнология”. 2020г. - №2. - С. 35-38.
4. Шарипов Р.М. Диагностика зоонозных инфекций у диких и сельскохозяйственных животных / М.З. Ахмедов, С.Х. Назруллозода, Р.М.Шарипов, А.З.Суфиев, З.Б.Кавракова // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. 2023. - №3. - С. 94-101.
5. Шарипов Р.М. Профилактические и лечебные свойства масляного экстракта цветков зверобоя при мастите крупного и мелкого рогатого скота / Шарипов Р.М. // Доклады ТАСХН. - 2025. - №1 (83). – С. 145-149.

6. Шарипов Р.М. Сравнительная оценка различных антигенов для обнаружения антител против бруцеллёза в молоке коров методом кольцевой реакции в Республике Таджикистан / С.А.Расулов, Р.М.Шарипов, М.И.Искандаров, С.М.Косимов // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. – 2024. - №3 (226) - С. 79-87.

7. Шарипов Р.М. Диагностическая ценность роз-бенгал пробы и единого цветного антигена с использованием 6,8% гидрокарбоната натрия в исследованиях молока коров в РТ / Шарипов Р.М., Расулов С.А., Искандаров М.И., Косимов, С.М. // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. - 2024. - №4 (227). - С. 94-101.

8. Шарипов Р.М. Применение традиционных и современных методов диагностики молока коров на бруцеллез в Республике Таджикистан. / Шарипов Р.М., Расулов С.А., Искандаров М.И. // Известия Национальной Академии наук Таджикистана.– 2025. - №1(228). - С. 101-107.

Мақолаҳои дар дигар нашрияҳои даврӣ нашргардида:

9. **Шарипов Р.М.** Микробиологический и микологический анализ пищевых продуктов / **Шарипов Р.М.**, Назруллозода С.Х., Мирзоев Д.М., Тураев Р.А., Раджабов Х.И., Разоков Ш.И. // маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Ноил гардидан ба бехатарии озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат бо ғизои хушсифат”. - 2019. - С. 55 – 59.

10. **Шарипов Р.М.** Пишевые токсикоинфеции бактериального происхождения / **Шарипов Р.М.,** Назруллозода С.Х., Тураев Р.А., Шамшерзода К.Ч., Баротов В.Н. // маҷаллаи конфренсияи илмии ҷумҳуриявии олимони ҷавон. - 2019. - С.224-227.

11. **Шарипов Р.М.** Результаты использования единого цветного антигена Казахского НИВИ для диагностики бруцеллеза крупного рогатого скота методом кольцевой реакции с молоком в республике Таджикистан / **Шарипов Р.М.**, Барамова Ш.А., Мирзоева Д. М., Раджабов Х., Атовуллозода Р. А.// Маҷаллаи илмии “Биобезапасность и биотехнология. 2020.№ (2), С.35-38.

12. **Шарипов Р.М.** Ташхиси бактериологию кимёвии таркиби шир бо усулҳои муосир ва анъанавӣ / Мирзоев Д.М., **Шарипов Р.М.,** Расулов С.А., Юсупов Ҳ.А.,Раҷабов Х.И.// Дар маҷалаи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба мавзӯи “Ғизои солим-миллати солим”. – 2020. - Нашри №17. – С. 116-121.

13. **Шарипов Р.М.** Ташхиси бемории брутселлёз бо усулҳои бактериологӣ ва тасдиқи он бо аксуламали занҷираи полимеразӣ /Мирзоев Д.М., Расулов С.А., Муминов А., Раҷабов Ҳ.И., **Шарипов Р.М.,** Қосимов С.М. // маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ: «Роҳҳои муосири пешгирии бемориҳои бештар паҳнгардидаи сироятӣ ва инвазионии чорвои кишоварзӣ» бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Институти тибби ветеринарӣ АИКТ. 23 – июли соли 2021. - С.137-139.

14. **Шарипов Р.М.** Табобати илтиҳоби ғадуҳои ширии сина (мастит) бо истифода аз қиём ва малҳами чойкаҳак дар байни чорвои кишоварзӣ / **Шарипов Р.М.** // Конференсияи ҷумҳуриявии олимони ҷавон дар АИКТ, (07.06.2024).

Ба автореферати диссертация 8 адад тақризҳои мусбати олимону мутахассисони соҳа ворид шудаанд:

1. Доктори илмҳои ветеринарӣ, профессори кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур **Мирзоахмедов Ш.Р.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёби гардидааст.

2. Доктори илмҳои биологӣ, узви вобаста АИКТ, Муовини президенти АИКТ **Амиршозода Ф.С.** дар тақриз (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст) автореферати диссертатсияро мусбат арзёби намудааст.

3. Номзади илмҳои ветеринарӣ, Муовини сардори Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ **Андамов И.Ш.** ба автореферати диссертатсия тақризи (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст) мусбат додааст ва қайд намудааст, ки муаллифи рисола сазоворӣ гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо заҳрзамбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ мебошад.

4. Номзади илмҳои ветеринарӣ, дотсент, мудири кафедраи ҷарроҳӣ, қобилагӣ ва табобатии факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур **Идиев Қ.У.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёби гардидааст.

5. Номзади илмҳои биологӣ, ходими калони илмии Шуъбаи паразитологияи Институти зоология ва паразитологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Қадамзода Д.С.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, онро мусбат арзёби намудаанд.

6. Номзади илмҳои тиббӣ, дотсенти кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятии факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Қурбонов К.М.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёби гардидааст.

7. Номзади илмҳои ветеринарӣ, мудири кафедраи тибби байтории Донишгоҳи давлатии Данғара, **Шарипов М.А.** (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёби гардидааст.

8. Номзади илмҳои ветеринарӣ, директори Институти тибби ветеринарии АИКТ, **Атовуллозода Р.А.** (тақриз бо забони тоҷикӣ

пешниҳод шудааст), доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, онро мусбат арзёби намудааст.

Тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд. Муайян карда мешавад, ки кори рисолаи илмии Шарипов Р.М., ки ба ихтисоси 06.02.02 - микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо заҳрзамбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи илми тибби ветеринарӣ ва микробиология буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок карда, дар ин самт мақолаҳои зиёде таълиф намудаанд, ки мазмун ва мӯҳтавои онҳо ба диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Муассисаи пешбар яке аз муассисаи бонуфуз дар назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили бемориҳои сироятии ҳайвонот маъруф мебошад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шарипов Р.М. дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ дар мавзӯи «Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон» якқатор масъалаҳо коркард карда шуданаанд:

коркард карда шуд: аз гиёҳҳои шифобахши ватании чойкаҳак ва сесанбарг малҳам барои табобати илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии модаговҳо таҳия карда шуда, самаранокии он дар шароити озмоишӣ санҷида шуд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки истифодаи ин маводи табиӣ таъсири шифобахши баланд дошта, устувории микроорганизмҳоро нисбат ба худ ба вуҷуд намеорад ва метавонад ҳамчун воситаи алтернативӣ ба антибиотикҳо дар табобати маститҳои сироятии чорво истифода гардад. Ихтирои мазкур, ки бо патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № TJ 1436 ҳифз шудааст, як қадами муҳим дар рушди фармакологияи ветеринарии ватанӣ ба ҳисоб меравад.

пешниҳод шудааст: дар хоҷагиҳои чорводории ширии ҷумҳурӣ, ки нисбат ба бемории илтиҳоби ғадудҳои ширии чорво номусоид мебошанд, истифодаи васеи малҳам ва усораи равғанини гули чойкаҳак ва сесанбарг, бо мақсади табобат ва пешгирии ин беморӣ пешниҳод карда мешавад. Татбиқи ин мавод имкон медиҳад, ки самаранокии табобат баланд гардида, вобастагӣ аз антибиотикҳо коҳиш ёбад ва сифати маҳсулоти ширӣ нигоҳ дошта шавад.

исбот карда шуд: дар натиҷаи санҷиши муқоисавии чор намуд антигенҳои ташхисӣ барои муайянсозии бемории брутселлёз дар шири модаговҳо бо усулҳои аксуламали ҳалқавӣ ва озмоиши Роз-Бенгал исбот

карда шуд, ки антигени ягонаи рангии истеҳсоли ИИТВ Қазоқистон самаранокии баланд нишон медиҳад.

ҷорӣ намудани истифодаи васеи антигени ягонаи рангии истеҳсоли ИИТВ Ҷумҳурии Қазоқистон дар озмоишгоҳҳои тибби ветеринарии ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад мебошад. Таҳлилҳои таҷрибавӣ нишон доданд, ки дар муқоиса бо антигенҳои гуногун, истифодаи антигени ягонаи ранга имконият медиҳад, ки аз намунаҳои амрозӣ мавҷудияти барангезандаи брутселлёз бо дақиқии бештар муайян гардад ва хавфи паҳншавии бемориро дар чорводорӣ ба таври назаррас кам мекунад. Ин усул эътимоднокӣ ва самаранокии ташхиси озмоишгоҳиро беҳтар намуда, барои пешгирӣ ва назорати бемории брутселлёз аҳамияти калон дорад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки: ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, басомади таҷрибаҳои гузаронидашуда, таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва нашрияҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда исбот мекунанд. Хулоса ва тавсияҳои амалӣ ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз натиҷаҳои он асос ёфтаанд.

Маводи диссертатсиониро метавон дар такмили ихтисоси мутахассисони озмоишгоҳҳои тибби ветеринарӣ дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ, ҷиҳати ташхиси дақиқу саривақтии барангезандагони бемориҳои касалиовар ва шартан касалиовар, ҳамзамон дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз фанҳои эпизоотологияи ветеринарӣ, микробиология ва беҳдошти ветеринарӣ дар факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мавриди истифода қарор дод.

Дар маҷмӯъ тадқиқоти анҷомдодашуда дар омӯзиши вазъи эпизоотии брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ, такмил додани усулҳои ташхис ва тарҳрезӣ намудани маводи самараноки табобат исбот мегардад, ки ба баланд бардоштани сатҳи солимии чорво ва коҳиш додани зарари иқтисодӣ дар хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

баён шудани натиҷаҳои тадқиқоти маҷмуии бактериологӣ ва микроскопии шир, маводи патологӣ аз чорвои кишоварзӣ мавҷудияти микроорганизмҳои касалиовар ва шартан касалиовар, аз ҷумла брутселлаҳо *(Brucella abortus)*, салмонеллаҳо *(Salmonella abortus ovis, Salmonella enteritidis)* ва инчунин коккҳо *(Staphylococcus aureus, Streptococcus aqalactiae, Diplococcus)* дақиқ кард. Ҳангоми микроскопияи молишакҳое, ки бо усулҳои Грам, Козловский ва Шуляк-Шин ранг карда шуда буданд, морфологияи хоси бактерияҳои брутселла ва дигар барангезандагон тасдиқ гардид. Истифодаи усулҳои муосири тадқиқот, аз ҷумла АЗП, имкон дод, ки мансубияти намудии изолятҳои ҷудошуда ва қобилияти касалиоварии онҳо дар санҷишҳои биологӣ рӯи ҳайвоноти таҷрибавӣ тасдиқ шавад.

ошкор гардид: дар вилояти Хатлон бештар нобаробарии эпизоотологӣ аз рӯи паҳншавии сироятҳои зоонозӣ ошкор гардид.

Ҳангоми таҳқиқи маводи амрозӣ аз ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ маълумоти зерин ба даст оварда шуд: *Salmonella spp.* дар 10.4% мавридҳо, *Staphylococcus spp.* – дар 5.8%, *Streptococcus spp.* – дар 3.10% ошкор карда шуданд. Таҳлили намунаҳои шир сатҳи сироятёбии брутселлёзро аз 1.06% то 1.68% нишон дод, ки вобаста ба усули ташхиси истифодашаванда ва намуди антиген фарқ мекард. Ҳамчунин бори аввал дар шароити ҷумҳурӣ бо истифода аз аксуламали занҷираи полимеразӣ (ПЦР) дар вақти воқеӣ гардиши изоляти маҳаллии *Brucella abortus* ошкор карда шуд.

омӯхта шуд: дар доираи мониторинги эпизоотологӣ, ки дар солҳои 2019–2024 гузаронида шудааст, хусусиятҳои паҳншавии сироятҳои бактериявӣ омӯхта шудаанд. Барои салмонеллёз хусусияти фаслӣ хос аст — шиддат гирифтани беморӣ дар фаслҳои баҳор ва зимистон (аз моҳи январ то апрел), ки ин бо суст шудани ҳолати иммунӣ дар ҳайвонот ва муҳити мусоиди паҳншавии барангезанда вобастагӣ дорад. Дар ин давра, баландтарин сатҳи гирифторшавӣ ба беморӣ, махсусан дар байни ҳайвоноти ҳомила, ба қайд гирифта шуд. Дар баробари ин, омӯзиши сатҳи паҳншавии салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ (стафилококкҳо, стрептококкҳо ва диплококкҳо) дар байни ҳайвонот гузаронида шуд. Намудҳои барангезандаҳо аз намунаҳои шири чорвои калони шохдор муайян карда шуданд, ки ин барои таҳияи маҷмӯи чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ бар зидди бемориҳои мазкур нақши калидӣ мебозад.

аз нав такмил додани усулҳои ташхис, аз ҷумла омезиши аксуламали ҳалқавӣ (АҲ) бо шир ва санҷиши Роз-Бенгал (СРБ) бо илова намудани 6.8% гидрокарбонати натрий барои ташхиси фаврии бемории брутселлёз, натиҷаи дақиқ ва бартарии зиёд нишон дод. Дастурҳои методӣ ва тавсияномаҳо оид ба ташхиси брутселлёз ва экспертизаи доруҳои ветеринарӣ тарҳрезӣ ва тасдиқ гардиданд, ки ин имкон дод то низоми назорати ветеринарӣ такмил ёбад.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

Коркард ва дар истеҳсолот татбиқ карда шуд:

1. «Тавсияҳои методӣ оид ба ошкор намудани бемории брутселлёз дар шир бо роҳи санҷиши ҳалқавӣ бо истифода аз антигенҳои гуногун» таҳия карда шудааст (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 07.07.с2020 тасдиқ шудааст).

2. «Дастурамал оид ба гузаронидани экспертизаи доруворӣ, моддаҳо ва маводи ёрирасони ветеринарӣ» (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 07.07. с2020 тасдиқ шудааст).

3. Дастурамали методии «Тартиби гузаронидани ташхиси бактериологии брутселлёзи ҳайвонот» (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 6 майи соли 2024 тасдиқ шудааст).

муайян карда шуд, ки аз 328 намунаи амрозии таҳқиқшуда таҳқиқшуда дар 55,2% ҳолатҳо изолятҳои ҷудошуда *Salmonella abortus*

ovis, 22,1% *Salmonella enteritidis* ва 22,7% *Pasteurella multocida* ташкил медиҳанд.

офарида шуд: барои табобат ва пешгирии мастити сироятии модаговҳо доруи нави самаранок, ки аз малҳам ва усораи равғании чойкаҳак ва сесанбарг таҳия шудааст, офарида шуд. Самараи табобатии дору дар озмоишҳо аз 72,5% то 85% муайян карда шуд. Ихтироъ расман ба қайд гирифта шуда, патент № TJ1436 оид ба ихтироъ дода шудааст.

муаррифӣ карда шуд: барои озмоишгоҳҳои тибби ветеринарии ҷумҳурӣ тавсияҳои методӣ оид ба ошкор намудани бемории брутселлёз дар шир бо усули санҷиши ҳалқавӣ бо истифода аз антигенҳои гуногун муаррифӣ карда шуданд. Ҳамзамон, дастурамали методӣ оид ба тартиби гузаронидани ташхиси бактериологии бемории брутселлёз дар ҳайвонот пешниҳод гардидааст, ки барои таҳлили дақиқ ва саривақтии мавҷудияти барангезанда дар чорво мусоидат менамояд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот

Кори диссертатсионии Шарипов Р.М. дар сатҳи баланди илмӣ ва методологӣ иҷро гардидааст. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар асоси таҳлилҳои эпизоотологӣ ва микробиологӣ таҳия шуда, дорои асоснокии илмӣ ва арзиши амалӣ мебошанд.

Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо гузаронидани таҳқиқотҳои бисёркаратаи озмоишӣ, истифодаи усулҳои муътамад ва муосири тадқиқотӣ тасдиқ мегардад. Барои корҳои таҷрибавӣ усулҳои дастрас ва эътирофшудаи ташхиси бактериологӣ, аз ҷумла парвариши микроорганизмҳо дар муҳитҳои ғизоии агари гӯштию пептонӣ (МПА) ва пиёбаи гӯштию пептонӣ (МПБ), ҳамчунин муҳитҳои ғизоии тафриқавӣ — Эндо, Плоскирева, XLD-агар ва ғайра истифода шудаанд. Илова бар ин, аксуламали аглутинатсия бо истифода аз тестҳои истеҳсолкунандагони гуногун ва усулҳои муосири молекулавӣ (PCR) татбиқ гардиданд, ки эътимоднокии баланди натиҷаҳои бадастомадаро таъмин намуданд.

Назарияи таҳқиқот бар асоси маълумоти илмии маъруф ва санҷидашудаи муаллифони ватанию хориҷӣ бунёд ёфта, бо натиҷаҳои қаблан нашршудаи тадқиқот дар мавзӯи диссертатсия мувофиқат ва пайдарҳамии мантиқӣ дорад. Ин ҳолат бори дигар дурустии самти интихобшудаи таҳқиқот ва эътимоднокии хулосаҳои илмиро тасдиқ менамояд.

Ғоя ба таҳлили натиҷаҳое асос ёфтааст, ки дар ҷараёни таҳқиқоти эпизоотологӣ ва бактериологӣ ба даст оварда шудаанд. Дар раванди таҳқиқот маълумотҳои сершумор оид ба сатҳи паҳншавӣ, хусусиятҳои фаслӣ, омилҳои хавф, ҳамчунин самаранокии усулҳои ташхис ва муайянсозии барангезандаҳо ҷамъоварӣ ва таҳлил гардиданд. Ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада бо пажӯҳишҳои муаллифони маъруфи дохилӣ ва хориҷӣ муқоиса карда шуда, монандиҳо ва фарқиятҳо муайян гардиданд. Дар натиҷа, тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба беҳтар намудани назорати

эпизоотологӣ, ташхиси саривақтӣ ва пешгирии паҳншавии бемориҳои бактериявӣ таҳия гардиданд.

истифода шудаанд: дар ҷараёни таҳқиқот маълумоти адабиёти дастрас истифода шудаанд, ки аз ҷониби муаллифони ватанию хориҷӣ вобаста ба мавзӯи рисола пешниҳод шудаанд. Манбаъҳои илмӣ маълумотҳои муҳим оид ба хусусиятҳои эпизоотологии бемориҳои сироятӣ, роҳҳои паҳншавӣ, усулҳои ташхис ва назорати онҳо дар шароити гуногуни иқлимӣ ва хоҷагидорӣ дар бар мегиранд. Таҳлили муқоисавии ин сарчашмаҳо имконият дод, ки самтҳои муҳими таҳқиқот муайян гардида, натиҷаҳои бадастомада дар заминаи дониши муосири илмӣ арзёбӣ шаванд.

муайян шудаанд, ки ҳолатҳои хуруҷи бемориҳои зоонозӣ, аз ҷумла брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ, дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон ба қайд гирифта мешаванд. Устувории барангезандагони ин бемориҳо нисбат ба маводҳои зиддимикробӣ (антибиотикҳо) яке аз мушкилоти ҷиддии соҳаҳои тибби ветеринарӣ ва тиб мебошад.

Дар доираи мавзӯи диссертатсия, ҳассосияти микроорганизмҳои касалиовар нисбат ба маводҳои зиддимикробӣ таҳқиқ карда шуда, дараҷаи самаранокии онҳо муайян гардид. Натиҷаҳои бадастомада барои интихоби дурусти маводи самараноки зиддибактериявӣ ва пешгирии ташаккули минбаъдаи устувории микроорганизмҳо нисбат ба антибиотикҳо аҳамияти амалии баланд доранд.

истифода шудаанд: дар ҷараёни таҳқиқот ҳайвоноти озмоишӣ, аз ҷумла мушҳои сафед ва хукчаҳои баҳрӣ, бо мақсади муайян намудани дараҷаи заҳрогинии изолятҳои ҷудошудаи микроорганизмҳо, ки аз чорвои кишоварзӣ ошкор гардиданд, истифода шудаанд. Натиҷаҳои озмоишӣ имконият доданд, ки хосиятҳои патогенӣ ва сатҳи таъсири заҳрогинии штаммҳои гуногун арзёбӣ гардад, ки барои муайянсозии хавфи эпизоотологӣ ва рушди тадбирҳои пешгирикунанда аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:

Муаллиф мустақилона маводи илмиро ҷамъоварӣ намуда, таҳлили адабиёти марбут ба мавзӯи рисола, муайянсозии ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, инчунин таҳияи дастурамали методӣ барои ташхис ва мубориза бо бемориҳои сироятии чорвои кишоварзиро ба сомон расонидааст.

Таъқиқоти озмоишгоҳӣ, аз ҷумла таҳқиқоти серологӣ, бактериологӣ, биологӣ ва клиникӣ, бо истифода аз намунаҳои амрозии чорво гузаронида шудаанд. Муаллиф дар таҳияи нақшаи озмоишҳо, таҳлили натиҷаҳо, таҳияи маводи чопӣ, тартиб додани рисола ва автореферат

фаъолона иштирок намуда, хулосаҳои амалиро асоснок ва пешниҳод кардааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 рӯзи 14 октябри соли 2025 қарор қабул гардид, ки ба Шарипов Рустам Миралиевич дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ ширкат доштанд, аз он 3 нафар доктори илм бо ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ мебошанд. Овоз доданд: тарафдор "9"- нафар, муқобил - нест, бетараф "нест", варақаҳои беэътибор карда шуда - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ **Амрбеков Мулоҷон**

Котиби Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ **Ҳасанов Фируз**

14 октябри соли 2025